**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525

# ФАРМОИШ

Аз «18» 07 с.2014, №523 ш.Душанбе

**Оид ба Номгӯи ҳатмии дору ва маводи мавриди истифодаи тиббӣ дар қуттии ёрии таъҷилии муассисаи тандурустӣ**

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намудани ёрии фаврии тиббӣ дар воҳидҳои сохтории муассисаҳои тандурустӣ, ба истиснои бахшҳои ёрирасон, мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Номгӯи ҳатмии дору ва маводи мавриди истифодаи тиббӣ дар қуттии ёрии таъҷилии муассисаи тандурустӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба роҳбарони муассисаҳои шифоию пешгирии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, ки фаъолияти клиникӣ доранд, ба истиснои бахшҳои ёрирасон (ташхис, рентген, озмоишгоҳ, тавонбахшӣ) иҷрои фармоиши мазкурро дар муассисаҳо таъмин намоянд.
3. Фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008, №129 «Оиди номгӯи маводҳои доруворӣ ва лавозимотҳои тиббие, ки дар қуттии кӯмаки ёрии таъҷилӣ дар муассисаҳои тиббию профилактикӣ истифода бурда мешаванд» аз эътибор соқит дониста шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи сардори Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ Холназаров Б.М. вогузор карда шавад.

ДУРУСТ

Вазир Н. Салимзода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

924-6
22.07.14

Замима
ба фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» 07 соли 2014, № 523

**НОМГӮИ**
**ҳатмии дору ва маводи мавриди истифодаи тиббӣ дар қуттии ёрии таъҷилии муассисаи тандурустӣ**

| № | I. Номгӯи дору | Шумора |
|---|---|---|
| 1. | Глюкоза 5% 400 мл | 1 шиша |
| 2. | Полигюкин 400 мл | 1 шиша |
| 3. | Рингер 400 мл | 1 шиша |
| 4. | Хлориди натрий 0,9% 400 мл. | 2 шиша |
| 5. | Эуфилин 2,4% 10 мл | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 6. | Аналгин 50% 2 мл | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 7. | Димедрол 1% 1 мл | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 8. | Дексаметазон 4 мг 2 мл | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 9. | Гепарин 5000 ЕД 5 мл | 1 фл |
| 10. | Фуросемид 1% 2 мл | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 11. | Но-шпа 40 мг 2 мл | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 12. | Магнезии сулфат 25% 10 мл | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 13. | Адреналин гидротартрат 0,1% 2 мл | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 14. | Нитроглитсерин 5 мг | 1 фл |
| 15. | Валидол 0,06 | 10 ҳаб |
| 16. | Паратсетамол 5 мг | 10 ҳаб |
| 17. | Но-шпа 40 мг | 10 ҳаб |
| 18. | Нифедипин 10 мг | 10 ҳаб |
| 19. | Корвалол 25 мл | 1 фл |
| 20. | Диазепам 5 мг. – 2,0 | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 21. | Атропин сулфат 0,1% - 1,0 | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 22. | Баралгин 5,0 | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 23. | Мезатон 1% 1 мл | 1 қуттӣ (10 ампул) |
| 24. | Лидокаин гидрохлорид 2% - 2,0 | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 25. | Аммиак 10% 25 мл | 1 шиша |
| 26. | Супрастин 20 мг. – 2,0 | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 27. | Дицинон – 2,0 | 1 қуттӣ (5 ампул) |
| 28. | Дигоксин 0,025% - 1,0 | 1 қуттӣ (10 ампул) |

| № | Номгӯ | Шумора |
|---|---|---|
| | **II. Маводи мавриди истифодаи тиббӣ** | |
| 1. | Маҳлули антисептикӣ 95% 50 мл | 2 фл |
| 2. | Сӯзандоруи 2 мл | 5 дона |
| 3. | Сӯзандоруи 5 мл | 5 дона |
| 4. | Сӯзандоруи 10 мл | 5 дона |
| 5. | Сӯзандоруи 20 мл | 5 дона |
| 6. | Системаи маҳлулгузаронӣ | 4 дона |
| 7. | Бандинаи резинӣ | 1 дона |
| 8. | Пахта 100 г | 1 дона |
| 9. | Ҳароратсанҷ | 1 дона |
| 10. | Бинт | 2 дона |
| 11. | Лейкопластир | 1 дона |
| 12. | Ангиокат | 2 дона |
| 13. | Дастпӯшаки беҳдоштӣ | 2 ҷуфт |
| 14. | Зонди меъда | 1 дона |
| 15. | Найчаи пешобгирӣ | 1 дона |